*УДК 070*
*ББК 77.0*

**ВЕЖАГИҲОИ ҲАМКОРИИ МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММАИ МУСТАҚИЛ**

**Якубов Ҷумъа Калонович,**
*дотсенти кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**ОСОБЕННОСТИ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И НЕЗАВИСИМЫХ СРЕДСТВ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ**

**Якубов Джумъа Калонович,**
*доцент кафедры политологии ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*
**E-MAIL:** *vestnik-tsulbp@mail.ru*

**THE PECULIARITIES OF MUTUAL RELATIONS BETWEEN STATE POWER AND INDEPENDENT MASS MEDIA**

**Yakubov Djuma Kalonovich,**
*Associate Professor of the politology department under the TSULBP (Tajikistan, Khujand)*

**Калидвожаҳо:** *воситаҳои ахбори омма, таҳаввулоти сиёсӣ, фазои ягонаи иттилоотӣ, сиёсати ягонаи иттилоотӣ, системаи нави иттилоотӣ-сиёсӣ, бозори масс-медиа, PR- «паблик рилейшенз»*

*Мақола ба тадқиқи масоили вижагиҳои муносибати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори оммаи мустақили Тоҷикистон бахшида шудааст. Теъдоди зиёди сарчашмаҳои илмӣ-назариявии ватанӣ ва хориҷӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Муносибати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори оммаи мустақил дар давраи дигаргуниҳои ҷамъиятию сиёсӣ, марҳилаҳои асосии тағйирёбии ин муносибатҳо, таъсири таҳаввулоти низоми сиёсӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсииТоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори оммаи мустақил, масоили ҳамкорӣ ва ҷиддият дар муносибатҳои ҳокимияти сиёсӣ ва воситаҳои ахбори оммаи мустақил, дастрасӣ ба иттилоот ва ғайра баррасӣ шуданд. Дар Тоҷикистон арзи ҳастӣ кардани бозори рақобатноки воситаҳои ахбори омма қайд шудааст. ВАО ҳамчун василаи муҳими маркетинги сиёсӣ баррасӣ гардида, роҳҳои беҳтар намудани ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори оммаи мустақил нишон дода шудааст.*

**Ключевые слова:** *средства массовой информации, политическая трансформация, единое информационное пространство, единая информационная политика, новая информационно-политическая система, рынок масс-медиа, PR- «паблик рилейшенз»*

*Рассматриваются особенности взаимодействия органов государственной власти и независимых средств массовой информации Таджикистана. Подвергается анализу огромное количество отечественного и зарубежного научно-теоретического материала. Затрагиваются, в частности, специфические взаимоотношения органов государственной власти и независимых СМИ в период общественно-политической трансформации,*

*основные трансформационные этапы этих взаимоотношений, влияние трансформации политической системы и социально-политических отношений суверенного Таджикистана на взаимодействие органов государственной власти и независимых средств массовой информации, проблемы взаимодействия и конфликта в отношениях политической власти и независимых СМИ, вопросы доступа к информации и др. Констатируется факт образования в Таджикистане конкурентоспособного масс-медийного рынка. СМИ рассматриваются как важный инструмент политического маркетинга, показываются пути оптимизации взаимодействия органов государственной власти и независимых СМИ.*

***Key words:*** *mass media, political transformation, unified information space, unified informational politics, new informational-political system, mass-media market, PR-public relations*

*The article dwells on the peculiarities of interaction between state power bodies and independent mass media. A great amount of home and foreign scientific- theoretical material is analyzed. In particular, such issues are touched upon as specific mutual relations between state power bodies and independent MM in the period of social-political transformation, major transformational stages of these relations, influence of political system transformation and social-political relations of sovereign Tajikistan upon interaction between state power bodies and independent mass media, problems of interaction and conflict in the relations between political power and independent MM, access to information and etc. The author states the fact of competitive mass media market having being formed in Tajikistan. MM are considered as an important tool of political marketing, the author shows the way of optimization of interaction between state power bodies and independent MM.*

Рушди Тоҷикистон, ки ба самти ҷомеи иттилоотӣ равона аст, нақши воситаҳои ахбори омма дар идораи давлатӣ афзуда, дар ин замина вежагиҳои муносибатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори омма ҳини дигаргуниҳои сиёсӣ-ҷамъиятӣ ва давлатӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ, иҷтимоӣ ва коммуникатсионии даҳсолаҳои охир, ки вобаста ба ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ ба вуҷуд меоянд, мушкилиҳои муносибатҳои ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистони муосирро ошкор месозад. Дар кишварамон, ки ҳолату сифати ҳаёти ҷамъиятӣ аз дараҷаи огоҳии иттилоотӣ ва шуурнокии демократӣ муайян мегардад, масъалаи муносибати ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори омма рӯзмарра маҳсуб меёбад.

Ҳангоми ивазшавии сохтори ҷамъиятиву иқтисодӣ дараҷаи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва умуман низоми сиёсӣ дар баробаи дигар омилҳо аз муносибати ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори омма низ вобаста гашта, дар раванди дигаргуниҳои нави демократӣ ва дар муносибатҳои ҷамъиятиву сиёсии ҳокимияти давлатӣ, ҳам дар зинаҳои марказӣ ва ҳам минтақавӣ ба вуҷуд овардани **фазои ягонаи иттилоотӣ** ва пеш бурдани **сиёсати ягонаи иттилоотӣ** масъалаи муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳолати мавҷуда **тадқиқи сиёсати иттилоотии давлатиро тақозо** мекунад, ки он ба коркарди стратегияи сиёсӣ имкон диҳад ва ба ташаккули шуурнокии ҷамъиятӣ ва беҳтар гардидани муносибатҳои ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон мусоидат намояд.

Масъалаи муносибати ҳокимияти давлатӣ дар давраи гузариш боз аз он лиҳоз

рӯзмарра мебошад, ки **ҷаҳонишавии иттилоот** имконияти **иштироки** аҳолиро ба ҳаёти сиёсӣ афзун ва ба шомилгардии Тоҷикистон ба **ҷомеаи нави иттиллотии ҷаҳонӣ** мусоидат менамояд. Дар ин замина рушди **техника ва технологияи** коммуникатсионии ҷомеаи муосир воситаҳои ахбори оммаи мустақилро аз василаи зерназоратии ҳокимияти давлатӣ ба ниҳоди худмухтори иҷтимоӣ-сиёсӣ табдил медиҳад, ки ба системаи сиёсӣ таъсир мерасонад.

Дараҷаи рушд ва ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ вобаста аз он аст, ки муносибати субъектҳо дар низоми **«ҳукумат – ВАО - ҷомеа»** чӣ тавр сохта мешавад. Маҳз барои ҳамин ҳам масъалаи мувофиқати мавқеи сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар фазои иттилоотӣ муҳим мебошад ва пажӯҳиши жарфтареро тақозо менамояд.

Ҳалли масъалаи мазкур аз бисёр омилҳо вобаста аст. Аз ҷумла, дар назари аввал **вобастагии иқтисодии ВАО аз муассис (соҳибмулк)** муҳим мебошад, ки ин омил ба мавқеи сиёсии он таъсир мекунад; **дуюм, маҳдудияти дастрасӣ ба иттилоот,** ки маҳсули мақомоти ҳокимияти ғайридемократӣ мебошад; **сеюм, заминаҳои меъёрии ҳуқуқии** ба талабот ғайриҷавобгӯи фаъолияти ВАО; чаҳорум, **ҷой надоштани вокуниши сохтори ҳукуматӣ** ба танқид ва ғ. Дар маҷмӯъ ҳолати мазкур ба он натиҷа меорад, ки аксари ВАО низ нисбати ҷомеаи шаҳрвандӣ **«хислати пинҳонӣ»-ро** касб мекунанд ва ба василае мубаддал мегарданд, ки дар низои манфиатҳо миёни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеа мавриди истифода қарор мегиранд. Воситаҳои ахбори оммаи мустақил дар баробари дигар имкониятҳо василаи муҳимми татбиқи сиёсати иттилоотии давлатӣ маҳсуб меёбанд, ки ба беҳтар намудани раванди муносиботи ҳокимияти давлатӣ ва масс-медиаро ба танзим медароранд. Аз ин лиҳоз тадқиқи муаммоҳо ва **вежагиҳои** муносиботи ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори оммаи мустақил дар шароити ташаккули низоми нави сиёсии Тоҷикистон барои **илми сиёсии кишвар** талаби замон буда, дар сарчашмаҳои мавҷуда танҳо баъзе тарафҳои муносиботи мазкур мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.

Ҷиҳатҳои ташаккул ва рушди равандҳои иттилооти оммавӣ, тадқиқи назария ва амалияи журналистика, нақш ва вазифаҳои онро дар шароити трансформатсияи ҷомеаи муосири Русия як қатор олимон, аз ҷумла, Ю. Будансев, В. Горохов, А. Грабелников, А. Губанов, Я. Засурский, Л. Землянова, Р. Овсепян, В. Попов, Е. Пронина, Е. Прохоров,Е.Тавокин омӯхтаанд.[1]

Масъалаи зарурати идоракунии пурмаҳсули давлатии иттилооти оммавӣ, кашфи модели нави пурмаҳсули муносибати ВАО ва ҷомеаро олимони соҳа В.Д. Попов, И.

[1] Ниг.: Буданцев Ю.П. Системность в изучении массовых информационных процессов. – М., 1986; Горохов В.М. Основы журналистского мастерства. М.,1993; Грабельников А.А. Русская журналистика на рубеже тысячелетий. Итоги и перспективы. М., 2000; Губанов А. Пресса: годы 1990-2000. // Среда.- 2000. № 5; Засурский Я.Н. Исследователи журналистики и развитие отечественных СМИ. // Вестник МГУ им. М.В. Ломоносова. Серия 10. Журналистика. - 2002. №1; Система средств массовой информации России: Уч. пособие. Под ред. Я.Н. Засурского. М., 1996; Землянова Л.М. Зарубежная коммуникативистика в преддверии информационного общества. / Толковый словарь терминов и концепций. М., 1999; Попов В.Д. Информациология и информационная политика. — М., 2001; Прохоров Е.П. Введение в теорию журналистики. М., 1998; Прохоров П. Журналистика и демократия. Теоретические очерки. М., 2001; Шкондин М.В. Экономические факторы трансформации российских СМИ. М., 1999; Тавокин Е.П. Системные основы государственной информационной политики // Массовые информационные процессы в современной России. М., 2002.

М. Дзялошинский, С. В. Коновченко, Ю. А. Нисневич ва дигарон тадқиқ намудаанд.[1]

Тадқиқи нақши ВАО дар сиёсат мушкили нав намебошад, вале он амалан масъалагузорӣ нашудааст ва барои Тоҷикистони муосир муҳим аст. Аз солҳои 80-ми асри XX сар карда ба тадқиқи ҷиҳатҳои мухталифи нақши ВАО дар раванди сиёсии ҷомеа олимони сиёсатшинос, муаррихон, сотсиологҳо, файласуфон ва журналистон таваҷҷӯҳ зоҳир намудаанд. **Вежагиҳои** муносибат миёни ВАО ва ҳокимияти давлатӣ дар давраи дигаргуниҳои демократии Тоҷикистон ва як қатор **муаммоҳои** ҷойдошта, аз ҷумла, **нақши ВАО дар сиёсат ва низоъ, дар идоракунии давлатӣ, сиёсати иттилоотии давлатӣ, масоили амнияти иттилоотӣ** дар пажӯҳишҳои Эмомалӣ Раҳмон, Г.Н.Зокиров, А.Махмадов, А.Муҳаббатова, И. Усмонов, А. Азимов, Д.М. Сайдалиев, Н. Қаршибаев, Н.Т. Раҳимов, Н. Ҳамроқулова, З.Х.Файзуллоев, А.С.Ниёзов, А. Раҳнамо, П. А. Маҳмадов ва дигарон намудор аст.[2] Масоили муносибати ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори оммаи мустақил аз ҷониби муҳаққиқони соҳа, аз ҷумла, ходимони АМВАОМТ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.[3]

Масоили сиёсати давлатӣ дар соҳаи ислоҳоти низоми муосири ВАО дар

---

[1] Ниг.: Попов В.Д. Информациология и информационная политика. М., 2001;. Дзялошинский И.М. Методы деятельности СМИ в условиях становления гражданского общества. М., 2001; Коновченко С.В. Общество - средства массовой информации — власть. Ростов-на-Дону, 2001; Нисневич Ю.А. Информационная политика как фактор демократизации и оптимизации государственного управления в России. // Дис. докт. полит, наук. - М.: РАГС, 2000; Он же. Информация и власть. - М., 2000.

[2] Ниг.: Артёмов В.Л. Основные направления исследования и современное состояние теории массовой коммуникации за рубежом. // Психолингвистические проблемы массовой коммуникации. М., 1974; Бадикян Б. Монополия средств массовой информации. М., 1987; Гаджиев К.С. Введение в политическую науку. М., 2000; Засурский Я.Н. Система СМИ России. М., 1995; Реснянская Л.Л. Типология СМИ в политическом пространстве постсоветской России. //Вестник МГУ. 2001. №10; Шкодин М.В. Системные характеристики. М., 1995; Николов Б. Медиа и политика.// Международные отношения. 2001, №3. Said E. Media. Margins and modernity.//Williams R. The politics of Modernism. Against the New Conformist. – London, New York, 1993; Бабаханов М.Б. Из истории периодической печати Туркестана. Душанбе: Дониш, 1987; Петрушкова В., Рожкина М. Интервью – трудная видимость или видимая трудность. // Сб. статей по вопросам журналистского образования. Душанбе: ООО «Азия-Принт, 2008; Салихов Н. Проблемы подготовки журналистских кадров в ВУЗах Таджикистана. // Сб. статей по вопросам журналистского образования. Душанбе: ООО «Азия-принт», 2008; Шарифзода К. Тенденции развития журналистики в современном Таджикистане. // Сб. статей по вопросам журналистского образования. Душанбе: ООО «Азия-принт», 2008; Чигрин Л. Две ступени открытия. // Сб. статей по вопросам журналистского образования. Душанбе: ООО «Азия-принт», 2008. См.: Рахмонов Э.Ш. Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли. Душанбе, 2012; Зокиров Г.Н. Сиёсатшиноси. Душанбе: «ЭР-граф», 2010; Усмонов И., Давронов Д. Таърихи журналистикаи тоҷик. Душанбе, 1997; Сайдалиев Д.М. Роль СМИ в процессе демократизации общества в Республике Таджикистан: Авт. дисс. канд. пол. наук. Душанбе, 2009; Каршибаев Н. Власть и пресса: взаимодействие пресс-служб государственных органов со СМИ. Душанбе, «Сармад-Компания». 2013; Рахимов Н.Т. Материалы к историографии гражданской войны в Таджикистане (1992-1997гг.): Обзор зарубежной литературы. Худжанд, 2002; Хамрокулова Н. Пресса и межтаджикский конфликт. Душанбе, 2003

[3] Ниг.: Каршибоев Н. Свобода СМИ и слова в Таджикистане (2005-2010 гг.). Отчет подготовлен при финансовой поддержке Бюро Представителя ОБСЕ по вопросам свободы СМИ (ППСМИ), г. Вена. Бюро ППСМИ не несет ответственность за содержание отчета. Мнения и оценки автора не обязательно совпадают с официальной позицией ППСМИ.( www. nansmit. tj/20968-2/?id=15325)

Настоящее исследование свободы СМИ и слова в Республике Таджикистан (РТ) за 2005-2010 годы проводилось при поддержке Бюро Представителя ОБСЕ по вопросам свободы СМИ. Основными целями исследования являются обзор ситуации в сфере СМИ в Таджикистане и анализ развития законодательства о СМИ. В исследование также рассматриваются вопросы доступа журналистов к общественно важной информации, приведено обобщение событий, происходящих в медийном пространстве, включая случаи нарушения права СМИ и журналистов. Таким образом, исследование является всеобъемлющим: в нем комплексно рассматриваются факторы и события, охарактеризовавшие ситуацию в сфере свободы слова в Таджикистане в 2005-2010 гг.

**Конститутсияи** Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар **Консепсияи сиёсати иттилоотии** Тоҷикистон, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», инчунин дар меъёру санадҳои маҳаллӣ инъикоси худро ёфтаанд. Дар муайян кардани вежагиҳои муносиботи ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори омма, мо инчунин ба Паёму фармонҳои Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон такя ва истинод намудем.

Заминаҳои илмии **мавқеи** воситаҳои ахбори оммаро дар ҷомеаи муосир муҳаққиқони америкоӣ Алберт Фред ва Теодор Петерсон дар асари **«Чаҳор назарияи матбуот»** (чоп соли 1956) асос гузоштанд. Мувофиқи ақидаи ин муҳаққиқон дар олам чаҳор назарияи матбуот ҷой дорад: **авторитарӣ, шӯравӣ-тоталитарӣ, либералӣ (озодандешӣ) ва назарияи масъулияти иҷтимоӣ.** Ҳар як назарияи пешниҳодшуда мафҳуми озодии суханро, аз ҷумла, хусусияти муносиботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ВАО ва ҷомеаро вобаста ба принсипҳои ба худ хоси воситаҳои ахбори омма, режим ва низоми сиёсӣ, сохтори ҳокимият ва ҷомеаи шаҳрвандӣ эзоҳ медиҳад. Баъзе назарияҳои матбуот на танҳо фарқи назарияҳо ва консепсияҳоро инъикос менамоянд, балки нақш ва мавқеи воситаҳои ахбори оммаро дар сохтори иҷтимоӣ, сиёсӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарии бахшҳои дохилии ҳокимияти сиёсӣ нишон медиҳанд.

Назарияи **коммунистии** матбуот тобеъияти матбуот ба давлат, ба ҳизб ва идеологияи ҳукмронро тақозо менамояд. Назарияи **либералии** матбуот ба принсипҳои умумилибералии озодии инсон, гуногунақоидии сиёсӣ ва идеологӣ, мустақилияти коммуникатсионӣ асос меёбад. Ба фаъолияти воқеии масс-медиа ҳатто дар ҷомеаҳое, ки демократия устувор аст, на ҳамеша назарияҳои дар боло ишора шуда мувофиқат мекунанд. Модели либералӣ, ки ба эътирофи озодии сухан асос ёфтааст, аз тадқиқотҳои Д. Милтон, Ҷ. Локк ва Ҷ.С. Мил сарчашма мегирад (3, с. 62-63). Мувофиқи назарияи либералӣ воситаҳои ахбори омма яке аз василаи асосии **назорати фаъолияти сохторҳои давлатӣ** ва ҳукуматӣ буда, он ба аҳли ҷомеа хизмат менамояд, манфиати шаҳрвандонро ҳифз намуда, оид ба вазъи сиёсии ҷомеа, талаботи иҷтимоӣ ва ғайраҳо маълумот медиҳад.

Тибқи назарияи **масъулияти иҷтимоӣ,** дар ҷараёни ҳаёти ҳаррӯза ВАО вазифадоранд, ки озодии матбуот, масъулият ва ҷавобгариро ба аҳли ҷомеа талқин бикунанд, манфиати оммаро инъикос, ваҳдати ҷомеаро таъмин намоянд, ба ҳалли одилонаи низоъҳо, ба ташаккули арзишҳои умумибашарӣ шароит фароҳам оваранд, бисёрандешӣ ва манфиати гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро ифода бисозанд. Оид ба масъалаҳои муҳиме, ки ҳалли онҳо дар тақдири омма таъсири созанда ва ё манфӣ расониданашон мумкин аст, ахбори дақиқ дода тавонанд.

Дар заминаи таҳлилу тадқиқ ва баррасии сачашмаҳои назариявиву эмпирикӣ ва истинод ба онҳо як қатор вежагиҳои муносибат миёни мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ВАО ва ҷомеа ошкор гардиданд.

**1.Хусусиятҳои хоси муносиботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ВАО дар давраи таҳаввулоти ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ.** Шаклҳои асосии ифода ва ҳолати муносиботи ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори оммаи мустақилро, ки дар давраи трансформатсияи ҷамъиятӣ арзи ҳастӣ намудааст, тадқиқ намуда ба хулосаи аниқ омадем, ки он дар аксар маврид **характери сиёсати иттилоотии давлатиро** муайян

кардааст.

Ҳангоми **таҳаввулоти ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва гузариш ба** низоми демократӣ муносибати ҳокимияти давлатӣ ва ВАО, махсусан воситаҳои оммавии мустақил тағйир меёбад ва расман **сензура** вуҷуд надошта бошад ҳам, давлат кӯшиши зери назорат қарор додани ВАО-ро мекунад. Муносибати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ВАО-и мустақили Тоҷикистон дар натиҷаи якчанд давраҳои таҳаввулотӣ ташаккул ёфт. Давраҳои мазкурро шартан ба чаҳор тақсим намудем.

**Давраи аввали** муносибати сохторҳои давлатӣ ва ВАО-и Тоҷикистонро баъзе муҳаққиқон «асри тиллоӣ» ном мебаранд (аз соли1990 – ибтидои 1992) (1, с. 83). Воситаҳои ахбори оммаи мустақил дар оғози истиқлолият дар шароити вазнини дигаршавӣ қарор доштанд. Дар ин давра аввалин рӯзномаҳои ғайриҳукуматӣ, ба мисли «Растохез», «Адолат», «Чароғи рӯз» зуҳур карданд.

**Давраи дуюми таҳаввулоти ҷамъиятию сиёсии муносибат замони ҷанги шаҳрвандиро** (1992-1997 гг.) фаро мегирад. Дар давраи ҷанг кадом ҳукумате набошад, фаъолияти воситаҳои ахбори оммаро маҳдуд менамояд.

Ба назари мо **давраи сеюми** фаолият ва дигаршавии муносибати ҳокимияти давлатӣ ва ВАО-и Тоҷикистон давраи **тиҷоратишавии ВАО (ибтидои соли 1997 то охири соли 2001) мебошад.** Давраи нисбатан мӯътадил, ки хусусияти **сиёсигардии** ВАО кам гашта, дар баробари он накш ва хусусияти тиҷоратишавии воситаҳои коммуникатсионӣ афзун мешавад, ки маҳз дар ин давра воситаҳои ахбори омма ба неруи бузурги танзимкунандаву идоракунандаи афкори ҷамъиятӣ мубаддал мегарданд.

**Давраи чаҳоруми** дигаршавии муносибот миёни ҳокимияти давлатӣ ва ВАО марҳилаи **татбиқи системаи нави иттилоотию сиёсӣ** (аз 2002 то имрӯз) маҳсуб меёбад. Бо вуҷуди он, ки давраи мазкур аз ҳама давраи пурмаҳсул арзёбӣ мегардад, дар муносибати тарафҳо баъзе ихтилофот ба чашм мерасанд.

2.Вежагии дуюмро т**аъсири таҳаввулоти низоми сиёсӣ ва тағйирёбии ҳаёти иҷтимоию сиёсии муосири Тоҷикистони соҳибистиқлол ба характери муносибат миёни ҳокимияти давлатӣ ва ВАО ташкил медиҳад**. Аз оғози солҳои 90-ум дар муносибати сохторҳои ҳукуматӣ ва ВАО-и мустақил дар муқоиса афзалияти пулию молии ВАО-и давлатӣ ба назар мерасад. ВАО-и мустақил аз сарпарастии давлатӣ озоданд. Имрӯз ин матбуот дар ҳолати нигаронкунандаи молӣ қарор гирифтанд. ВАО-и мустақил метавонад вобастаи манбаъҳои пулию молии гурӯҳҳои алоҳида гардад.

3.**Дар раванди сиёсӣ ва иҷтимоии муосири Тоҷикистон дар муносибат миёни ҳокимияти давлатӣ ва ВАО-и мустақил ҷиҳатҳои ҳамкорӣ ва ихтилоф низ ба назар мерасанд.** ВАО-и мустақил на танҳо ҳамчун ниҳоди сиёсии худмухтори ба рушди муносибати замони муосир таъсиркунанда, балки ҳамчун **василаи ҳалли ҳадафҳои сиёсӣ** низ баромад менамоянд. ВАО-и мустақил ҳамкории тарафайнро беҳтар, ихтилоф ва моҷароҳои сиёсиро камтар менамоянд. Дар баробари ин муносибат миёни ҳокимияти давлатӣ ва ВАО-и мустақил дар давраи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва гуногунақоидӣ дар Тоҷикистон беҳтар гардида, тамоюли суботи ҷамъиятӣ ба чашм мерасад ва дар радифи он **дар натиҷаи то ҳадде сиёсигардии ВАО-и мустақил ҳолатҳои низоъангез** меафзояд. ВАО-и мустақил вазифаҳои ҷонии худро иҷро намуда, дар баробари ин **иродаи сиёсии гурӯҳҳои алоҳидаро ифода** менамоянд,

ки онҳо мақсади ба сари ҳокимият омаданро доранд. Чунин вазъи рақобатнок мазмуни низои мухолифин ва ҳукуматро надошта, ВАО-и мустақил вазифаи худро баҳри пешниҳоди иттилооти алтернативӣ иҷро мекунад.

4.**Мушкилии дастрасӣ ба иттилоот.** Иттилооти ҷамъиятӣ натиҷаи фаъолияти иттилоотии инсон буда, он табиатан иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Вежагиҳои иттилооти иҷтимоӣ иборат аз дарк ва истифодаи он дар фаъолияти маърифатӣ, самти иртиботии мониш, ифодаи муносиботи мухталифи ҷамъиятӣ, талабот, манфиатҳо ва ғ. мебошанд. **Дастрасӣ ба иттилоот** ин ҳуқуқи ҳатмии матбуоти озод мебошад, зеро он шарти асосии бунёди ҷомеаи демократӣ маҳсуб меёбад. Бидуни матбуоти озоду мустақил халқ овоз надорад ва он дар раванди демократисозӣ ширкат варзида наметавонад.

5. **Рақобатпазирии бозори масс-медиа.** Яке аз вежагиҳои муносиботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ВАО-и мустақили муосири Тоҷикистон арзи ҳастӣ намудани бозори рақобатноки масс-медиа аст,ки ин метавонад ба хислати муносибат байни ҳар ду субъекти иттилоотӣ таъсир бахшад.

6.**Нақш ва вазифаҳои ВАО ҳамчун василаи маркетинги сиёсӣ.** Вежагии дигаре, ки дар муносиботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ВАО ба назар мерасад, ин дар шароити рушди муносибатҳои демократӣ ба сифати василаи маркетинги сиёсӣ баромад намудани ВАО мебошад.

7.**ВАО ҳамчун механизми ифодакунандаи принсипи гуногунандешии сиёсӣ ва василаи иҷтимоинамоии ҳаёти сиёсӣ.** Фаъолияти ВАО ҳамчун механизми ифодаи гуногунандешии сиёсӣ ва василаи иҷтимоинамоии ҳаёти сиёсӣ дар ҷомеа махсусияти дигари ВАО дар муносибат миёни мақомоти ҳукуматӣ ва ҷомеа маҳсуб меёбад.

8. **Шаклҳо ва механизмҳои беҳтар намудани муносиботи сохтори ҳукуматӣ ва воситаҳои ахбори омма.** Шаклҳо ва механизмҳои беҳтар намудани муносиботи сохтори ҳукуматӣ ва воситаҳои ахбори оммаи мустақил ошкор гардиданд, ки онҳо муносибатҳоро хуб менамоянд, пеши роҳи низоъро мегиранд, ба ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ, босубот пеш бурдани сиёсати иттилоотии давлатӣ ва идоркунии давлатӣ мусоидат менамоянд. Яке аз чунин механизмҳо ниҳоди **PR-«паблик рилейшенз»** маҳсуб меёбад. Вазъи Тоҷикистони муосир кишварро тақозо менамояд, ки муносиботро бо воситаҳои ахбори оммаи мустақил беҳтар намояд. Зикр намудан зарур аст, ки сохторҳои давлатӣ ва ҳукуматӣ ба таври мунтазам тавассути ниҳоди PR- «паблик рилейшенз» масоили танзим ва ташкили муносиботи хешро бо ВАО ва ҷомеа ҳал менамояд. Барои Тоҷикистони муосир ташкил додани гуфтугӯ байни матбуот ва сохторҳои ҳукуматӣ баҳри баррасии мусолиҳатомези муаммоҳои мухталиф зарур ва муҳим арзёбӣ мегардад.

***Пайнавишт:***

1. *Бабаханов У. Таджики идут (статьи, репортажи, интервью) - Душанбе: «ЭР-граф», 2012. -384 с.*
2. *Засурский Я.Н. Исследователи журналистики и развитие отечественных СМИ. // Вестник МГУ им. М.В. Ломоносова. Серия 10. Журналистика. - 2002. №1;*
3. *Комаровский В.С. Государственная служба и СМИ. - Воронеж, 2003.-310 с.*

4. *Землянова Л.М. Зарубежная коммуникативистика в преддверии информационного общества. Толковый словарь терминов и концепций. - М., 1999;*
5. *Прохоров Е.П. Введение в теорию журналистики. - М., 1998; -308 с.*
6. *Шкондин М.В. Экономические факторы трансформации российских СМИ. - М., 1999;*
7. *Попов В.Д. Информациология и информационная политика. — М., 2001.*
8. *Рахмонов Э.Ш. Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли. Душанбе, 2012. -26 с.*
9. *Зокиров Г.Н. Сиёсатшиноси. –Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – 344 с.*
10. *Усмонов И. Журналистика. Часть 1. Душанбе: Империал групп, 2005. -477с.*
11. *Усмонов И. Журналистика. Часть 2. -Душанбе: Империал групп, 2005. -200 с.*
12. *Усмонов И. Журналистика. Часть 3. -Душанбе, 2008. -442 с.*
13. *Усмонов И. Ќонунхои Тоджикистон дар бораи воситахои ахбори омма. Душанбе, 2003. -90 с.*
14. *Усмонов И., Давронов Д. Таърихи журналистикаи тоҷик. -Душанбе,2008. -278 с.*
15. *Сайдалиев Д.М. Роль СМИ в процессе демократизации общества в Республике Таджикистан: Автореферат диссертации кандидата политических наук. -Душанбе, 2009. -23 с.*
16. *Каршибаев Н. Власть и пресса: взаимодействие пресс-служб государственных органов со СМИ (Руководство для пресс-секретарей и журналистов по доступу к информации). Душанбе: «Сармад-Компания», 2013. -100 с.*
17. *Рахимов Н.Т. Материалы к историографии гражданской войны в Таджикистане (1992-1997 гг.): Обзор зарубежной литературы. -Худжанд, 2002. -60 с.*
18. *Хамрокулова Н. Пресса и межтаджикский конфликт. Душанбе, 2003; -108с.*
19. *Якубов Ҷ.К. Ҳокимияти чаҳорум, Ношир, 2017, 180 с.*
20. *Якубов Дж.К. Особенности взаимоотношения государственной власти и независимых средств массовой информации. /Автореферат. дисс. канд. полит. наук: 23.00. 02./ Якубов Джумъа Калонович. - Душанбе, 2 мая 2015г. 23с.*

***Reference Literature:***

1. *Babahanov U. Tajiks Do Go (Articles, Reportings, Interviws)- Dushanbe: Er-Graph, 2012. – 384 pp.*
2. *Zasusrsky Ya. N. Researches of Journalism and home M M Development // Bulletin of Moscow State University named after M. V. Lomonosov. Series 10. Journalism. – 2002, №1*
3. *Komarovsky V. S. State Service and M M. Voronezh, 2003. -310pp.*
4. *Zemlyanova L. M. Foreign Communicativistikc on the Threshhold of Informational Society. – M., 1999*
5. *Prohorov Ye. P. Introduction into the Theory of Journalism. – M., 1998. – 308 pp.*
6. *Shkondin M. V. Economy Factors of Russian MM Transformation. – M., 1999*
7. *Popov V. D. Informasociology and Informational Politics. – M, 2001*
8. *Rakhmon E. Sh. The Message of Tajikistan Republic President to Majlisi Oli (Supreme Council). Dushanbe, 2012. -26 pp.*
9. *Zokirov G. N. Politics. – Dushanbe: Er- Graph, 2010. – p. 344*

10. *Usmonov I. Journalism. Part 1. Dushanbe: Imperial Group, 2005. – 477 pp*
11. *Ibidem. Part 2. – 200 pp*
12. *Ibidem. Part 3. 2008. – 442 pp*
13. *Usmonov I. The Laws of Tajikistan Concerned with Mass Media. Dushanbe, 2003. – 90 pp*
14. *Usmonov I., Davronov D. The History of Tajik Journalism. Dushanbe, 2008. – 278 pp*
15. *Syadaliyev D. M. The Role of M M in the Process of Democratization of Society in Tajikistan Republic. Synopsis of candidate dissertation in politology. Dushanbe, 2009. – 23 pp*
16. *Karshibayev N. Power and Press: Interaction of Press-Services of State Bodies with M M (Guiding-Book for press-secretaries and journalists on access to information). Dushanbe "Sarmad-Company", 2013. – 100 pp*
17. *Rakhimov N. T. Materials to Historiography of Civil War in Tajikistan (1992-1997): Review of Foreign Literature. – Khujand, 2002. – 60 pp.*
18. *Khamrokulova N. Press and Inter-Tajik Conflict. – Dushanbe, 2003. – 108 pp*
19. *Yakubov Dj. K. The fourth Power. Dushanbe: Editor, 2017. – 108 pp*
20. *Yakubov Dj. K. The Peculiarities of Interrelations between State Power and Independent Mass Media. Synopsis of candidate dissertation in politology. Dushanbe, 2015. – 23 pp*